«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_______ Наҷмиддиниён А. М.
«__29__» ____________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст.

Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна 23 январи соли 1982 дар ноҳияи Рушони ВМКБ ба дунё омадааст. Соли 2000-ум факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. (диплом ДТО №0068464)

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2007 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и шаҳри Душанбе оғоз карда, то соли 2012 дар ин вазифа кор кардааст ва худи ҳамон сол ба сифати ходими илмии шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, баъдтар чун мутахассиси кадрҳо, аз соли 2017 ин ҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Дар давоми солҳои 2013-2017 Султонмамадова М.А. ба сифати унвонҷӯӣ шуъбаи аспирантура ва докторантураи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти илмӣ намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои “аъло”, таърих ва фалсафаи илм 04 ноябри соли 2014 бо баҳои “хуб”, ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия 17 июни соли 2024 бо баҳои “аъло” ва ихтисоси 13.00.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) 29 июни соли 2024 бо баҳои “аъло” супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №97 аз 01 июли соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна таҳкикоти илмиашро дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Тавре маълум аст, муносибати босалоҳият дар таълим, фаъолиятест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, функсионалӣ)-и хонанда равона шуда, он ба саволҳои: “ Хонанда чиро медонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб гуфта, ин ҷо дониш ҷузъи таркибии малака ба шумор рафта, барои санҷидан, муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад.

Дар таълими зикршуда, муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Ин хусусиятҳо муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонанда ва хонандаю маводи таълимро муайян мекунад. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунӣ баланд бардошта шуда, малакаву салоҳиятҳои хонанда рушд ёбад, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина муҳайё гардад.

Аз ин рӯ, мавзуе, ки довталаб барои таҳқиқот интихоб кардааст, муҳим буда, дар омӯзиши каломи манзум ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чун воситаи таълим хизмат мекунад.

Ҷаласаи муштараки семинари илмӣ-методӣ ва шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби унвони илмӣ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовнаро дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди муҳокима қарор дода, вобаста ба хулосаи роҳбари илмии унвойҷӯй, доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода, инчунин, ҷавобҳои диссертант ба саволҳои муқарризони расмӣ-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақлиятҳои миллӣ Котибова Ш.П., номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълим, Тоҳириён Ш., д.и.п., профессор Раҳимзода Х. ва даъватшудагон д.и.ф., профессор Шербоев С., д.и.п, профессор Неъматов Н. дар асоси музокира ва таклифу пешниҳоди иштирокчиёни ҷаласа ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02.04.-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ), аз ҷумла, ба *банди 3* - Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низоми /шароити рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш) ва ба *банди 5* - Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) ва ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи кори диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна ба барномаи илми-таҳқиқотии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва шуъбаи филологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи “Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик” мутобиқат мекунад.

Номгӯйи мақолаҳои илмии зерини унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими рӯзгор ва осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5 [Матн] /М.А. Султонмамадова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017, № 3/4. – С. 297-301.

[2-М] Султонмамадова М.А. Танҳо асолати миллӣ ҷавононро аз ифротгароӣ нигоҳ дошта метавонад [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2018, №1(26). – С. 84-88.

[3-М] Султонмамадова М.А. Аспирантура – шакли тайёр кардани кадрҳои илмӣ [Матн]/ М.А. Султонмамадова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2018, №1(21), – С. 15-18.

[4-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими босалоҳияти қасидаи «Шикоят аз пирӣ”-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн] / М.А. Султонмамадова / Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020, №2(2). – С. 217-222.

[5-М] Султонмамадова М.А. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт [Матн] // М.А. Султонмамадова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2021, №1(38). – С. 103-108

[6-М] Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи манзум дар муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М. Султонмамадова. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016, №-4/3, (203). – С. 146-150.

[7-М] Султонмамадова М.А., Гулова, Н., Салоҳияти педагогӣ омили самаранокии раванди таълиму тарбия [Матн] / М.А. Султонмамадова, Н. Гулова / Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2019, №1, (25), – С ., 68-73.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълими хонандагони синфҳои болоӣ (5-7, 8-11), муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №25, МТМУ №70-и шаҳри Душанбе ва Литсейи Роҳнамо тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шуда, натиҷаи озмоишҳо, самаранокии муносибати босалоҳият ба таълимро дар синфҳои болоӣ собит намудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки шуъбаҳои фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва филологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз эҷодиёти шифоҳӣ ироа ва тасвиб шудааанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:

- таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва банизомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои бадастомада;

- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ;

- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои адабиёт;

- муайян кардани мухтавои педагогӣ, моҳият ва асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим арзёбӣ шуда, довталаб зимни таҳқиқот ва баргузории озмоишҳои педагогӣ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

-роҳу воситаҳои инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоиро тавассути эҷодиёти шифоҳӣ таҳлилу баррасӣ карда, мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмии наврасонро дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ муайян ва аз ҷиҳати асоснок кардааст;

- низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоиро дар муҳити муосири таълим ошкор ва пешниҳод кардааст;

- манобеи эҷодиёти шифоҳиро дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ дарёфт, тасниф ва асоснок кардааст;

- амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимиро ҷиҳати инкишофи ҷаҳонфаҳмии наврасон таҳия ва самаранокии онро собит кардааст.

Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯй дар раванди таҳқиқот навиштаҳои назариявию амалии донишмандони соҳаи методикаи таълим ва адабиётшиносӣ, аз ҷумла, М.Қозиҷонов, А.Ваҳобов, Н.Маъсумӣ, Х.Мирзозода, М.Лутфуллозода, Ш.Исломов, Қ. Хоҷаев, М. Аҳмадов, Т. Миров, С.Шербоев, С.Аминов, Ф.Шарифзода, А.В.Текучев, О.Е. Лебедев, А.Н. Дахин, Н.Н.Золототрубова, Г.Холматова, М.Маҳкамов, А.Муллоев, Ҳ.Саидов, С.Шербоев, Қ.Мухторӣ, Ш.Р.Исрофилниё, С.А. Зоиров, З.Т. Бобоева ва дигаронро истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои онро метавон дар таҳияи стандарт, барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, дастуру васоити таълимӣ доир ба методикаи таълими тоҷик дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, ҳамчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик истифода бурд.

Диссертатсия барои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ аз чанд ҷиҳат муфид буда метавонад. Аз ҷумла, омӯзгорони МТМУ ҳангоми таълими фанни «Адабиёти тоҷик», устодони

коллеҷҳои педагогию факултетҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳо ҳангоми тадриси фанни “Методикаи таълими адабиёти тоҷик” ва донишҷӯёни ихтисоси омӯзгорӣ ҳангоми таҷрибаомӯзӣ онро метавонанд ба ҳайси васоити таълимӣ ба кор баранд. Илова бар ин, тавсияҳои илмию методии диссертатсияро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик метавон истифода кард.

Ҷаласаи муштараки семинари илмӣ-методӣ ва шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар асоси гузориши довталаби унвони илмӣ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадова, хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода, инчунин, ҷавобҳои диссертант ба саволҳои муқарризони расмӣ ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласа,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст, кори мустақилона баанҷомрасонда маҳсуб ёфта, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.

2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи муштараки семинари илмӣ-методӣ ва шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба

номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 26 июни соли 2024, бо протоколи №06 қабул гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ва 2 нафар олимон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор»-12 нафар; «зид»-нест; «бетараф»-нест.

Раиси ҷаласа, муовини директори
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ П. Лутфуллоева

Котиби ҷаласа, номзади илми филология,
муовини сардори раёсати ташхис ва
тақризи адабиёти таълими ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ Ш. Тоҳириён

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адҳамов, 11/2
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзоҳои П.Лутфуллоева, Ш.Тохириёнро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ва АТТ Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО

27.06.2024